# ХУЛОСАИ

Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-061 дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PHD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори Шурои диссертатсионӣ аз 08 июли соли 2021 протоколи № 1**

Оид ба додани унвони илмӣ ба Валиев Ҷамшед Абдумаликович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ.

Диссертатсия "Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардида, ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА – 061 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (735022, ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№207/шд аз 20.10.2020) таъсис дода шудааст, ба ҳимоя (аз 05.02.2021, протоколи № 1) қабул гардид.

Валиев Ҷамшед Абдумаликович, соли таваллудаш 15.01.1982. Соли 2000 ба шуъбаи рӯзонаи факултети агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2005 бомувафақият хатм намудааст.Тайи солҳои 2009-2017 вазифаҳои ходими илмӣ, муовини директор оид ба истеҳсолот, директори муассиса ва аз соли 2018-ум то инҷониб вазифаи муовини директор оид ба илм,таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) дар вилояти Суғд фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар шуъбаи агротехникаи зироатҳои кишоварзии филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Суғди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон солҳои 2011-2018 иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Асозода Нуралӣ Маҳмадулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон – доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Партоев Қурбоналӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растании Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агротехнологияҳои нав ва амнияти озуқавории Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар хулосаи мусбии худ бо имзоҳои мудири кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ Суярова Сарвиноз Ҷумаевна, котиби ҷаласа номзади илмҳои кишоварзӣ Қосумбекова Фотима Аноятбековна, бо тасдиқи ректори муассиса, доктори илмҳои кишоварзӣ Маҳмадёрзода Усмон Маъмур, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Валиев Ҷамшед Абдумаликович ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад. Унвонҷӯ оид ба мавзӯи диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои илмии бадастовардааш 6 мақолаи илмӣ ба чоп овардааст, аз он ҷумла 3 – тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Корҳои муҳимтарин оид ба мавзӯи диссертатсия:**

**[1-М]. Валиев Ҷ.А**. Хусусиятҳои морфологии навъу намунаҳои мутобиқшудаи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон / Ҷ.А. Валиев, Н.М.Асозода // Гузоришҳои АИКТ, 2020. - 3(65). - С.8-12.

**[2-М]. Валиев Ҷ.А.** Маҳсулнокии навъу намунаҳои ҷуворимакка дар парваришгоҳҳои селексионӣ дар шароити минтақаи Суғд / Ҷ.А.Валиев, Н.М.Асозода // Гузоришҳои АИКТ, 2020. -3(65). - С.13 -16.

**[3-М].** Валиев Ҷ.А. Нишондиҳандаҳои морфобиометрии шаҷараҳои гуногуни ҷуворимакка дар шароити заминҳои санглохи хокашон бурии

хокистаранги Шимоли Тоҷикистон / Ҷ.А.Валиев, Н.М.Асозода // Гузоришҳои АИКТ, 2020. - 4(66). - С.14-18.

## Ихтироот

**[4-М].** Валиев Ҷ.А., Ризоева З.М., Валиев А. ҷуворимаккаи навъи "Истиқлол" / Шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионер №01 аз 16.04 - Душанбе,2019.

**Ба автореферати диссертатсия тақризи мусбӣ фиристодаанд:**

**1.** Умаров Ш.Р. – профессор кафедры "Шелководство и тутоводство" Таш.ГАУ, доктор сельскохозяйственных наук, Председатель научного совета по присуждению ученых степеней.

Соатов У.Р - заведующий кафедрой "Общая зоотехния"Таш.ГАУ, доктор селькохозяйственных наук.

**2.** Абдуллаев А – заведующий лабораторией биохимии фотосинтеза Института ботаники, физиологии и генетики растений НАНТ, доктор биологических наук, профессор, член – корреспондент НАНТ.

**3.** Юлдошев Ҳимоҳиддин – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4. Толибов Ю.Р – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.

Собиров М.С – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров: дар тақризи худ чунин камбудӣ нишон додаанд: Бояд таъкид намуд, ки дар марҳилаи санҷиши дурагаҳои наслҳои якум (F1), дуюм (F2), ва сеюм (F3) таҳлили генетики гузаронида нашудааст.

**5.** Рашидов Н.Ҷ.- номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи маҳсулоти хӯрока ва агротехнологияи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд дар тақриз чунин камбудӣ нишон додааст:

1. Дар саҳ 10, диаграмаи 1 (ҳосилнокии дон с/га ва давраи нашъунамо) маълумот бо забони тоҷикӣ оварда шуда, лекин дар дохили диаграмма нишондодҳо бо забони русӣ оварда шудааст.

2. Дар саҳ 14, диаграммаи 4 нишондиҳандаҳои натиҷаи ба даст овардашуда ба таври саҳеҳ, чуноне, ки дар дигар диаграммаҳо дида мешавад, оварда нашудааст.

**6.** Нурбеков А.И – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, руководитель группы и агроном, Представительство ФАО в Узбекистане.

**7.** Толибов.А.К – номзади илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ.

Камолов Н. – номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ.

**8.** Солиев Шамсиддин Толибович – кандидат сельскохозяйственных наук, зам. начальника Управления международных связей, науки и внедрение научных достижений Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан.

**9.** Маҳмудзода А – муовини сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд.

**10.** Раҷабов Н.А – номзади илмҳои кишоварзӣ, муовини директори Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ

Камбудиҳои аз тарафи муқарризон нишондодашуда бештар тавсиявӣ буда, онҳо муҳимии мавзӯи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯй будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи номзадӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси маъруфияти онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар самти селексия ва тухмипарварӣ корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифт.

**Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда** бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмию таълимӣ – таҳқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои кишоварзӣ: селексия ва тухмипарварӣ, ихтирои навъҳои ба шароити тайғирёбии иқлимро таҳия намуда, дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифт.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ:**

**- дар** шароити заминҳои обёришавандаи вилояти Суғд омӯзиши дақиқи 500 намунаҳои аввалияи ҷуворимаккаи бурунмарзӣ ва селексионии навъҳои маҳаллӣ, популятсионӣ, синтетикӣ таҳқиқ карда шудааст;

**- пешниҳод** карда шудааст, ки барои рӯёнидани ҳосили фаровони дон ва анбӯҳи сабз дар кишти асосӣ ва такрорӣ ҷуворимаккаи ноҳиябандишудаи навъи "Истиқлол" ба роҳ монда шавад, ки ин гирифтани то 80-85 сентнер аз 1 гектар ҳосили донро таъмин менамояд;

**- тарз ва роҳҳои баланд** бардоштани баҳодиҳии самаранокии иқтисодии парвариши ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок мешавад, ки дар он:**

**- барои истифода** дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ кардани ҷуворимаккаи навъҳои сермаҳсул тавсия карда шуд, ки барои кишти асосӣ ва такрорӣ ба мақсади самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда асоснок карда шудааст:

**- истифодаи усулҳои** муосири селексионии ҷуворимакка ва тухмипарварии ибтидоии он, ки дар шароити минтақаи таҷрибавӣ ҳосили баландро таъмин менамояд, асоснок карда шудааст;

**- омӯзиши** хусусиятҳои морфо-биологии навъу намунаҳои ҷуворимакка ва баҳодиҳии селексионии онҳо ва муқаррар намудани мушоҳидаҳои фенологӣ, ки дастоварди муҳимтарин ба шумор меравад, муайян карда шудааст;

**- самтҳои асосии** самаранокии иқтисодии маълумоти ҳисобшуда нишон додааст, ки дар натиҷаи корҳои селексионӣ ҷуворимаккаи навъи "Истиқлол" ихтироъ карда шудааст, ки ҳосилнокии донаш ба 80-85 с/га баробар аст ва нисбат ба навъи назоратии "Зарафшон" 10,5 сентнер аз 1 гектар зиёд аст. Ин навъ имконият медиҳад, ки аз 1 гектар 17910 сомонӣ фоидаи соф ва 284,2% манфиатнокӣ ба даст оварда шудааст. Вобаста ба беҳтар намудани истеҳсоли ҳосилнокии дони ҷуворимакка дар хоҷагиҳои деҳқонӣ – фермерии Шимоли Тоҷикистон корҳои назаррас бурда аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва пешниҳод гардонида шудааст;

**- натиҷаҳои таҳқиқоти** пешниҳодшуда оид ба санҷиши истеҳсолии солҳои 2019-2020 нишон доданд, ки ҳосилнокии дони ҷуворимаккаи навъи "Истиқлол" дар хоҷагиҳои вилояти Суғд дар кишти асосӣ 85с/га, такрорӣ 70с/га-ро ташкил додааст ва кишти он дар масоҳати 30 гектар

татбиқ шудааст. Ихтирои навъҳои сермаҳсули ҷуворимакка имконияти воқеии ба даст овардани ҳосили устуворро фароҳам меоварад.

**- тавсияҳои амалии** таҳқиқот дар шароити Шимоли Тоҷикистон дар кишти асосӣ ва такрорӣ дар хоҷагиҳои вилояти Суғд истифода бурда шудаанд;

**- пешниҳодҳои** алоҳидаи муаллиф аз ҷониби хоҷагии деҳқонии “16-солагии истиқлолият”, ”Мубориз” -и ноҳияи Зафаробод ва хоҷагии деҳқонии “Ҳусниё” – и шаҳри Панҷакент дастгирӣ ва қобили қабул гардидааст;

**- тавсияҳои амалӣ** оид ба истифодабарии ҷуворимакка, барои беҳдошти самаранокии иқтисодии он дар шакли табии бо роҳи ихтирои навъҳои нави сермаҳсул ва тухмипарварии ибтидоии он ба мақсади таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар дар шароити ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудааст.

**Дараҷаи дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва арзёбии онҳо ошкор карданд, ки:**

**- назария барои** устуворӣ ва рушди минбаъдаи зироаткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши ҳамаҷониба ва бартарафкунии тамоми омилҳое, ки ба серҳосилии ҷуворимакка сабаб мешаванд ва ҳосилнокиро паст мегардонад, тақозо менамояд;

**- ғоя оид ба таҳлил** ва хулосагирии таҷрибаи минтақавӣ ва як қатор масъалаҳои муҳими дохилӣ ва берунӣ дошта, ки аз омилҳои ба даст овардани рушди устувори соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад, аз ҷониби таҳқиқотчиён ба он таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир намудаанд, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои асосии таҳқиқоти мазкурро муайян намудааст;

**- мутобиқати сифатӣ** ва миқдории натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотҳои унвонҷӯ бо хулосагирӣ, ки на ҳамеша миқдори маҳсулоти ба даст овардашуда, аз қитъаи таҷрибавӣ коркард шудаанд, метавонанд якхела бошанд. Таҳлили самаранокии иқтисодии зироати ҷуворимакка нишон дод, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқанд;

**- саҳми шахсии унвонҷӯ дар ин аст:**

**- иштироки бевосита** дар рушди соҳаи зироаткорӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои бадастовардашуда ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **саҳми** иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот 85% аз ҳаҷми умумии диссертатсияро ташкил медиҳад.

- **таҳияи корҳои** илмии нашршуда оид ба мавзӯъи диссертатсия (6 кор бо ҳаҷми умумии 3,8 ҷ.ч., аз ҷумла 3 кор – дар нашрияҳои мансуб ба номгуйи маҷаллаву нашрияҳои пешбари тақризшаванда, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳанд);

- **озмоиши натиҷаҳои** таҳқиқот дар конференсияҳо, мизҳои муддавар ва семинарҳои илмию амалии сатҳҳои гуногуни муассисаҳои илмӣ ва ҷумҳуриявӣ баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович ба талаботи муқаррар намудаи “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ” нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (протоколи №1 аз 08.07.2021) дар бораи ба Валиев Ҷамшед Абдумаликович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1 аз 08 июли соли 2021) тасдиқ карда шудааст, иборат аз 15 нафар ва дар ҷаласа иштирок доштанд 14 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси мазкур, чунин овоз доданд: тарафдор 14 нафар, зид нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Муовини раиси Шӯрои** диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Нарзулоев Тош Садулоевич

**Котиби илмии** Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

08 июли соли 2021